## ХУЛОСАИ

**шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертаттсияи Иброгимов Ҳошим дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ” аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия)**

**Парвандаи аттестатсионии № ______**

**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 17 июни соли 2021 № 1**

Барои сазовор донистани Иброгимов Ҳошим ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия)

Диссертатсияи “Методикаи ташаккули салоҳияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ” аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) дар кафедраи химияи умумӣ ва методикаи таълими он МТД “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро карда шуда, ба ҳимоя санаи 28 январи соли 2021, қарори № 12, Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, фармони Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 декабри соли 2020, № 265) барои ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Иброгимов Ҳошим шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 декабри соли 1954 дар ҷамоати Хистеварзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, вилояти Ленинобод (ҳозира Суғд) таваллуд шудааст. Соли 1972 ба «Донишкадаи давлатии педагоги Ленинобод ба номи С.М. Киров», факултети табиатшиносӣ ва география ба ихтисоси химия - биология дохил шуда, бо гирифтани дипломи муаллими химия ва биология онро соли 1977 хатм намудааст. Ӯ аз соли 1977 то соли 1979 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 4 -и ноҳияи Вахш, вилояти Қӯрғонтеппа ба ҳайси муаллими химия ва биология фаъолият намудааст.

Иброгимов Ҳошим аз соли 1979 инҷониб дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 5 ҳамчун омӯзгори фанни химия ва биология фаъолияти меҳнатӣ дорад. Ӯ омӯзгори лаёқатманду қобилиятнок, эҷодкору навовар буда, ҳар як дарси худро бо истифода аз шохаҳои усули фаъоли таълим, бо аёният ва воситаҳои техникӣ мегузаронад. Ҳар як дарси муаллим Иброгимов аз навгониҳо пур буда, хеле шавқовару пурмазмун гузаронида мешавад. Иброгимов Ҳошим дар байни шогирдону волидон ва ҷомеаи омӯзгорон соҳиби обрую эътибори хоса дошта, мунтазам ба омӯзгорони ҷавон маслиҳатҳои методӣ мерасонад.

Диссертатсияи Иброгимов Ҳошим таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ» дар кафедраи химияи

умумӣ ва методикаи таълими он Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расонида шудааст. Рисолаи номзадӣ дар давоми таҳсил ҳамчун унвонҷӯи кафедра ба иҷро расонида шуда, мавзӯъ ва роҳбари илмиаш дар Шӯрои олимони Донишгоҳ тахти № 11 аз 30.05.2019 тасдиқ гардида аст. Бо мақсади ҷамъбаст намудани кори илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳайси мушовири илмӣ таъйин намудани доктори илмҳои биологӣ, профессор Бобизода Ғ.М. дар Шӯрои олимони Донишгоҳ аз 25 феврали соли 2020, № 157 тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Азизов Абдулатиф Абдухалимович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор

**Мушовири илмӣ**: **Бобизода Ғуломқодир Мукаммал** – доктори илмҳои биологӣ ва фармасевтӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Нӯъмонов Мансур** -доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. (методикаи таълими математика), профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;
2. **Раҷабов Сироҷиддин Икромович** - доктори илмҳои химия, и.в. профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, директори Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** - Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», кафедраи “Методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ” дар хулосаи мусбати муассиса, ки аз тарафи ректори донишгоҳ, доктори илмҳои биологӣ, профессор Давлатзода С.Ҳ., мудири кафедра, номзади илмҳои педагогӣ Шамсуллоева С. имзо шудааст қайд шуд, ки диссертатсияи Иброгимов Ҳошим дар мавзӯъи “Методикаи ташаккули салоҳияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ” таҳқиқоти ба анҷомрасонида ҳисобида, ҷавобгӯй ба талаботҳои зербоби 10, 11, 12, 14, 16-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» тахти рақами 505 аз 26.11.2016 сол буда, рисоланавис Иброгимов Ҳошим барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) арзанда ҳисобида шавад.

Ба автореферати диссертатсия панҷ тақриз ворид шуданд. Дар онҳо қайд карда мешавад, ки кори иҷрошуда таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, ба ҳамаи талаботҳо оид ба иҷрои диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд.

**1.** Номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи молшиносӣ ва фаъолияти гумруки Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Қобилов Нарзулло** (дар умум баҳои мусбӣ дода шудааст).

**2.** Номзади илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими химияи донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Қурбонова Муқаддас** чунин овардааст:

Боби дуюм, ки «Корҳои озмоишӣ - таҳқиқотии ташаккули салоҳияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба методикаи ҳалли масъалаҳои химиявӣ» ном гирифтааст, он фарогири масъалаҳои химиявӣ, қобилияти эҷодӣ, тасаввурот, сатҳи ташаккулёбии қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои синфҳои 8-11 дар асоси методикаи "занҷир" мавриди таҳқиқ кушода дода, мӯҳтавою методикаи кори таҷрибавию озмоишӣ тавсиф ва натиҷаҳои он оварда шудааст. (дар умум баҳои мусбӣ дода шудааст)

**3.** Номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон **Азимов Р.Р.**:

Рисоланавис Ҳошим Иброгимов таъкид мекунад, ки барои ташаккул додани қобилиятҳои эҷодии хонандагон, омӯзгорон бояд методҳо, воситаҳо ва таснифи масъалаҳои химиявиро истифода баранд, чунки ҳалли масъалаҳо ҷузъи муҳими раванди таълими химия мебошад. Ҳангоми мунтазам ҳал кардани намудҳои гуногуни масъалаҳо ба натиҷаҳои беҳтарин ноил гардидан мумкин аст. Бинобар ин коркарди низоми масъалаҳо дар раванди таълим ҷузъи муҳим ба ҳисоб меравад, зеро низоми масъалаҳо ба ноил гардидан ба беҳтарин натиҷаҳо дар мӯҳлати аз ҳама кӯтоҳ ва бо сарфи ҳадди ақалли нерӯ мусоидат мекунад.

Боиси зикр аст, ки автореферати диссертатсияи муаллиф Ҳ. Иброгимов дар асоси Стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф карда шудааст.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки таҳқиқотеро, ки аз тарафи Ҳошим Иброгимов ба иҷро расонидааст, аз нигоҳҳои назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи илми педагогикаи муосир саҳмгузор мегардад.

**4.** Номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур **Бобиев Х.А.**:

Диссертант Иброгимов Ҳошим рисолаи номзадии хешро маҳз ба ташаккули салоҳиятнокӣ дар раванди таълими фанни химия дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ бахшидааст. Автореферати диссертатсия ба ҳудудҳои амалигардонии робитаҳои дорои хислати байнифаннӣ, таҳлили амалии таҳсилоти мактабиро дар бар мегирад. Дар таълими химия ҳам барои инкишофи салоҳиятҳои фаннӣ ва ҳам салоҳиятҳои умумифаннӣ шароит ба вуҷуд оварда мешавад. Салоҳияти фаннӣ бошад, тавассути мундариҷаи фанни "химия" ташаккул дода мешавад. Ҷорӣ намудани муносибатҳои босалоҳият ба таркиби меъёрӣ ва амалии таҳсилот имконият медиҳад, ки масъалаи зикршуда ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон хеле хос ҳалли худро ёбад.

Ҳалли масъалаҳои химиявӣ, ки яке аз воситаҳои омӯзиши фанни химия мебошад, то ҳол ягон методикаи аниқи ҳалли масъалаҳоро

надорад ва ҳар яқ омӯзгор вобаста ба лаёқат ва малакаю маҳораташ масъалаҳоро бо тарзи худ ҳал мекунад. Муаллифи ин кор аз рӯйи озмоиши педагогияш, ки гувоҳи дониши хуби назариявӣ ва маҳорати олии ҳалли масъалаҳои химиявии ӯст, масъалаҳои химиявиро тасниф намуда, усули "занҷир"-ро дар ҳалли масъалаҳои химиявӣ таҳия намуда, исбот намудааст, ки ташаккули салоҳиятҳои хонандагон тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ инкишоф меёбад.

Хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ ба фарзияи пешниҳодшудаи таҳқиқот дар озмоиши педагогӣ комёб шудааст. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ дида мешаванд, ки қиммати ин корро тағйир намедиҳад. Аз ин рӯ муаллифи кор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) сазовор аст.

**5.** Номзади илмҳои химия, инструктори озмоишгоҳҳои экологии филиали ширкати "Webuild S.P.A." дар Тоҷикистон **Тошов А.Ф.**:

Унвонҷӯ Иброгимов Ҳошим рисолаи илмии хешро маҳз ба ҳалли муносибати босалоҳият дар таълими фанни химия бахшидааст. Дар рафти иҷроиши кори илмии худ диссертант аз методҳои назариявӣ, озмоишӣ ва коркарди омории натиҷаҳои ба даст омада тавассути методҳои ғайрипараметрӣ истифода бурда, татқиқотҳои худро дар се марҳила гузаронидааст: омӯзиш ва таҳлили адабиёти зарурӣ; таснифи масъалаҳои химиявӣ; коркарди методи нави таълим- методикаи "занҷир" дар таълими фанни химия.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки аз тарафи диссертант барои расидан ба ҳадаф, адабиёти зиёд омӯхта шуда, масъалаҳои химиявӣ тасниф гардидаанд. Ҳамзамон ҳаҷми бениҳоят калони кори илмӣ - методӣ ба анҷом расонида шудааст. Дар давоми се сол дар таҷрибаҳои озмоишӣ 696 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои Ашт, Бобоҷон Ғафуров, Гулистон ва Конибодом иштирок намуда, натиҷаҳо дар шакли ҷадвалҳо ва диаграммаҳо оварда шудаанд. Ҳамзамон таҳлилҳои муқоисавии сатҳи донишазхудкунии хонандагон тавассути усули анъанавии таълим ва усули интерактивӣ дар самти ҳалли масъалаҳои химиявӣ гузаронида шудаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи барои ҳимояи расмӣ пешниҳодшуда аҳамияти бениҳоят калони илмию методӣ ва амалӣ дошта, барои истифодабари салоҳиятнокӣ дар таълими фанни химия зарур аст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ- методӣ ва амалӣ ба автореферати диссертатсия мазкур баъзе эродҳои алоҳидаро қайд намудан ба маврид аст:

1. Дар матни автореферат баъзе ибораҳои ғайримаъмулӣ, ба монанди "ҳаттал имкон"(саҳ.10), "баъзе қонуниятмандӣ"(саҳ.12), "самтияти амалӣ", "мароқи хонандагон"(саҳ.13), "тести даромад", "тести вурудй"(саҳ.15), "додаҳои озмоишӣ"(саҳ.17) истифода бурда шудаанд. Хуб мешуд, ки ба ҷои ин ибораҳо ибораҳои маъмул истифода бурда шаванд.

2. Дар саҳифаи 11, дар нақшаи 1 таснифи масъалаҳои химиявӣ оварда шуда бошанд ҳам, дар матни автореферат ишора ба ин нақша нишон дода нашудааст.
3. Дар ҳамин нақша гурӯҳи 4-и масъалаҳо бо номи “Бо иштироки маҳлулҳо” номгузорӣ шудаанд. Хуб мешуд, ки номи ин гурӯҳ “Масъалаҳо оид ба маҳлулҳо” номгузорӣ шаванд, чунки дар дигар гурӯҳи ҳалли масъалаҳо маҳлулҳо низ иштирок менамоянд.
4. Дар саҳифаи 14, дар ҷадвалҳои 1, 2 натиҷаҳои тести даромад оид ба химия дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ оварда шудаанд, ки ҳарду қариб як мазмун доранд.
5. Дар рӯйхати нишондиҳандаҳои методӣ ва барномаҳои таълифшуда номи ҳаммуалифон оварда нашудаанд.

Эродҳои овардашуда дараҷаи дастовардҳои умумии мусбии кори диссертатсионии мазкурро, ки аҳамияти калони илмӣ-методӣ ва амалӣ дорад, паст наменамоянд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда асоснок карда мешаванд, ки онҳо соҳиби тахассусияти зарурӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. -Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) мебошанд.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 24 кори илмӣ иҷро намуда, аз он 4 мақола дар нашрияи аз тарафи Комиссияи олӣ аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуда ба табъ расидаанд.

**Номгӯи муҳимтарин мақолаҳо ва китоби дарсӣ, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамояд:**

[1-М] *Иброгимов, Х.* К проблеме понятий «компетентность» и «компетенция» [Текст] / **Х. Иброгимов** // Вестник Таджикского национального университета. №9, Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. -С.263-267

[2-М] *Иброгимов, Х.* Развитие ключевых компетенций учащихся на занятиях по химии [Текст] / **Х. Иброгимов** // Вестник Таджикского национального университета. №10, Часть I, Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. -С.219-222

[3-М] *Иброгимов, Ҳ.* Муносибати босалоҳияти таълими "химия" дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / **Х. Иброгимов,** Ғ.М.Бобизода // Учёные записки Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова: Гуманитарные и педагогические науки. – Худжанд: Нури маърифат, 2021, № 1 (66)., саҳ. 124-131 (ба забони тоҷикӣ).

[4-М] *Иброгимов, Х.* Реализация компетентностного подхода в обучении химии [Текст] / **Х. Иброгимов,** Ф.С. Хакимходжаева, Г.М. Бобизода // Вестник педагогического университета. №1 (10-11), Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2021. -С.395-399

[5-М] *Иброгимов, Ҳ.* Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ ва илми кимиё. Конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ дар мавзӯи “Фалсафа, фанҳои риёзию табиатшиносӣ ва таҳсилот: проблема ва дурнамоии онҳо” бахшида ба 15 солагии Ваҳдати миллӣ ва 50

солаги доктори илмҳои физикаю математика, академики АИП ФР, профессор Абдулҳай Комилӣ, Қӯрғонтеппа, [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** - 2012.-514 с.-С.642-644

[6-М] *Ибрагимов, Х.* О вопросах химии и физики в трудах Абу Бакра Ар-Разӣ. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** - // Наука и образование: Новое время, № 5, 2016.-С.83-85

[7-М] *Иброгимов, Ҳ.* Рушду нумӯи илмҳо дар Давлати Сомониён. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** - Хуҷанд: Р. Ҷалил, 1999.-58 с.

[8-М] *Иброгимов, Ҳ.* Пояи илми кимиё дар манзумаҳои Мирзо Абдулқодири Бедил. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** - Хуҷанд: Ношир, 2006.-92 с.

[9-М] *Иброгимов, Ҳ.* Китоби дарсӣ аз фанни «Химия» барои синфи 8. [Матн] /**Ҳ. Иброгимов.**-Нашри I. Душанбе: Шарқи озод, 2010.-260 с.

[10-М] *Иброгимов, Ҳ.* Китоби дарсӣ аз фанни «Химия» барои синфи 9. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** - Нашри III. Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013.-223 с.

[11-М] *Иброгимов, Ҳ.* Тест аз фанни химия барои синфи 9. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** -Хуҷанд: Меъроҷ, 2015.-50 с.

[12-М] *Иброгимов, Ҳ.* Тест аз фанни химия барои синфи 11. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** -Хуҷанд: Меъроҷ, 2015.-100 с.

[13-М] *Иброгимов, Ҳ.* Китоби дарсӣ аз фанни «Химия» барои синфи 8. [Матн] /**Ҳ. Иброгимов.**-Нашри II. Душанбе: Шарқи озод, 2015.-260 с.

[14-М] *Иброгимов, Ҳ.* Намунаи ҳалли масъалаҳои химиявӣ (ғайриорганикӣ). [Матн] / **Ҳ. Иброгимов** Қисми 1. Душанбе: Ашуриён, 2015.-192 с.

[15-М] *Иброгимов, Ҳ.* Дастури ёрирасон аз фанни химияи ғайриорганикӣ. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** -Хуҷанд: Нури маърифат, 2016.-288 с.

[16-М] *Иброгимов, Ҳ.* Намунаи ҳалли масъалаҳои химиявӣ (органикӣ). [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** -Қисми 2. Душанбе: Ашуриён, 2016.-130 с.

[17-М] *Иброгимов, Ҳ.* Барномаи таълим ва нақшаи тақвимӣ аз фанни химия барои синфҳои 8-11 уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** -Душанбе: Принт, 2018.-112 с.

[18-М] *Иброгимов, Ҳ.* Тест аз фанни химия барои синфи 10. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** -Душанбе: Табъу нашр, 2018. - 48 с.

[19-М] *Иброгимов, Ҳ.* Тест аз фанни химия барои синфи 11. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** -Душанбе: Табъу нашр, 2018.-93 с.

[20-М] *Иброгимов, Ҳ.* Роҳнамои фанни химия, синфи 8-ум. Барои омузгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** - Душанбе, Маориф, 2018. -144 с.

[21-М] *Иброгимов, Ҳ.* Роҳнамои фанни химия, синфи 9-ум. Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** - Душанбе, Маориф, 2018. -164 с.

[22-М] *Иброгимов, Ҳ.* Маводи аттестатсия аз фанни химия барои синфи 11. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** -Душанбе: Табъу нашр, 2019. -63 с.

[23-М] *Иброгимов, Ҳ.* Маҷмӯаи саволҳо, машқҳо ва масъалаҳои тестӣ аз фанни химия. [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** - Душанбе: Ашӯриён, 2020.- 274 с.
[24-М] *Иброгимов, Ҳ.* Химия дар нақшаҳо ва ҷадвалҳо (усули нави таълим). [Матн] / **Ҳ. Иброгимов.** - Душанбе: Ашӯриён, 2020.-116 с.

**Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти диссертант қайд менамояд, ки:**

1. Мазмун ва мафҳумҳои ташаккули салоҳият, босалоҳиятӣ дар раванди таълими фанҳои табиӣ возеҳ бошанд, **муқаррар карда** шудааст;
2. Имконияти истифодаи салоҳиятҳои калидии хонандагон дар машғулиятҳои химия ба воситаи ҳалли масъалаҳои химиявӣ ошкор шуда бошанд, **муайян карда** шуданд;
3. Таснифоти мавҷудаи масъалаҳои химиявӣ ва дар асоси онҳо таҳия намудани таснифи масъалаҳо барои методикаи «занҷир» коркард шуда бошанд, **асоснок карда** шудааст;
4. Самарабахшии методикаи таҳиягардида оид ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон бо воситаҳои ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо роҳи таҷрибавию озмоишӣ тафтиш шуда бошад, **муайян карда** шуданд;
5. Натиҷаҳои судманди тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи дастур барои хонандагон лар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқ шуда бошад, **муқаррар карда** шудаанд.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок шудааст, ки*** масъалаҳои ҷорӣ намудан ва таърихи муносибати босалоҳият дар маориф ошкор карда шуданд. Салоҳиятҳои калидӣ ва нишондиҳандаҳои онҳо дар дарсҳои химия ҳангоми ҳалли масъалаҳо истифода бурда шуданд. Меъёрҳои асосии тартиб додану интихоб кардани масъалаҳо оид ба химия барои таълими ҳалли онҳо дар асоси муносибатҳои интегративӣ ва алгоритмӣ ба ташаккули асосҳои фаъолият ва консепсияи таълими ба шахсият нигаронидашуда, тавсия шуданд. Таснифи масъалаҳои химиявӣ пешниҳод карда шудааст, ки бо ёрии он дар хонандагон салоҳиятҳоро ташаккул додан мумкин аст. Унвонҷӯ барои омӯзгорон дастур оид ба ҳалли масъалаҳои химиявӣ ва методикаи нави «занҷир»-ро таҳия кардааст.

***Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд*, ки** мундариҷаи мафҳумҳои «салоҳият» ва «босалоҳият», ҳамчунин нишондиҳандаҳои онҳо оид ба фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуданд; ба роҳ мондани ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон дар машғулиятҳои химия коркард ва ҷорӣ карда шуданд; ҷамъбасту низомбандии маълумот дар бораи истифодаи масъалаҳо зимни омӯзиши химия, мафҳуми «масъалаи химиявӣ» аниқ карда шуданд; таҳлили ҳамкории хонандагон аз рӯйи методи «занҷир» дар раванди ташаккули салоҳиятҳо; барои татбиқи методи нави «занҷир» зимни таълими ҳалли масъалаҳои химиявӣ муносибатҳои методӣ таҳияи карда шуданд; дар шаклҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла дар

машғулиятҳои химия дастурҳо оид ба ҳалли масъалаҳо барои омӯзгорон баҳри истифода таҳия гардиданд; имкониятҳои истифодаи методикаи “занҷир” дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ташаккули салоҳиятҳои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ ошкор карда шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии** натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки бо муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо, амиқии кори назариявӣ ва методологӣ, мутобиқати усулҳои тадқиқ, такя ба репрезентативӣ будани маълумоти бадастомада, таҳлили таҷрибаи муаллиф ҳамчун омӯзгор, таҷдиди натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ дар шароити шабеҳ таъмин карда мешавад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар гирифтани натиҷаҳои илмӣ, ки маводҳои нашршуда дар диссертатсия ироа гардидаанд, дар мудаллалсозии назариявӣ, илмӣ-амалии масъала ва ҳалли он баён шудаанд, зоҳир мегардад. Инчунин мустақилона, бевосита таҳқиқоти диссертатсиониро гузаронида, таҳияи методикаи “занҷир” дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҳалли масъалаҳои химиявӣ, интишороти ӯ ва баромадҳо дар конфронсҳои гуногуни илмию амалии сатҳи байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ ифода ёфтааст.

Дар ҷаласаи 17 июни соли 2021 шӯрои диссертатсионии қарори сазовор донистани Иброгимов Ҳошим бо дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар, номзадони илм 2 нафар аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия). Овоз доданд: **“тарафдор”- 13** нафар, **“муқобил”-**нест, **“бетараф”**-нест, **“бюллетенҳои беэътибор”** – нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ:**
**доктори илмҳои химия, профессор** **Бандаев С.Г.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ:**
**номзади илмҳои химия, дотсент** **Гулов Т.Ё.**

**17 июни соли 2021.**